# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСӢ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–052 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи Латифзода Сомон Зариф дар мавзӯи «Ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – психология**

Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

**- Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ (аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) раиси комиссия.**

**- Дадаҷонов Ёқубҷон – номзади илмҳои психологӣ (аз рӯйи ихтисоси 19.00.07-Психологияи омӯзгорӣ), аъзои комиссия.**

**- Шаъбонов Норалӣ Нормирзоевич – номзади илмҳои сиёсӣ (аз рӯйи ихтисоси 23.00.02- Низоъҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсатшиносӣ), аъзои комиссия.**

Рисолаи илмии Латифзода Сомон Зариф дар мавзӯи «Ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ)» доир ба омӯзиш ва тадқиқи ҷанбаҳои амиқи коршоямии касбӣ-психологии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, хусусан, кормандони оперативӣ, ки яке аз ҷойҳои марказӣ ва махсусро байни дигар фаъолиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ишғол менамояд, равона гардидааст. Масъалаи мазкур бо таҳлил аз сарчашмаҳои умқи таърихӣ оғоз гардида, то замони муосир овардашуда, давраҳои таърихии он даврабандӣ гардидааст.

Дар бобати самти оперативӣ, инчунин мебояд ишора намуд, ки диссертант таҳқиқоти диссертатсионии хешро маҳз ба яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ки бевосита бар зидди ҷинояту

ҷинояткорӣ мубориза мебаранд, объекти рисолаи илмии хеш қарор додааст, аз қабилӣ: фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Чуноне дар адабиёти илмии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дарҷ гардидааст, «...қариб 90% ҷиноятҳо маҳз тавассути фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор карда мешаванд». Умуман, дар фаъолияти кормандони МКД ҳаракату амале нест, ки бе дахолати илми психология ба низом даровaрда шавад. Аз ин рӯ, дар байни илмҳо, ки ба фаъолияти оперативии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ доранд, омӯзиши самти коршоямии шахс яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд.

Диссертант, дар рисолаи илмии хеш исбот менамояд, ки дар баробари коршоямии ҷисмонию тиббӣ, инчунин коршоямии касбӣ-психологии шахсияти довталаби самти оперативӣ низ муҳим буда, дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ-оперативӣ нақши назаррасро мебозад. Дар робита ба ин, ташхиси коршоямии касбӣ-психологиро дар системаи сохторҳои қудратӣ ба система даровaрда, барои баровардани хулосаи объективӣ нисбати довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тариқи формула пешниҳод кардааст, ки қобили қабул буда, дар амалияи ташхиси психологӣ истифодаи он бар нафъи кор мебошад.

Барои ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс, довталабони самти оперативӣ аз чунин давраҳои ташхисӣ мегузаранд:

- давраи муоини тиббӣ ва ё ташхиси тиббӣ. Дар ин давра довталаб барои кор дар сахторҳои қудратӣ пеш аз ҳама аз муоинаи тиббӣ мегузарад ва агар аз муоина солим барояд, он гоҳ барои гузаштани ташхиси навбатӣ ва ё бо ибораи дигар, ташхиси психологӣ роҳхат дода мешавад.
- давраи дуюм ташхиси психологӣ ном дошта, бо истифодаи методу тестҳои касбии оламшумул тавсиф дода мешавад. Дар ин давра чунин хусусиятҳои психологии шахс мавриди ташхиси психологӣ қарор дода мешавад: типи шахсият, хусусиятҳои психофизиологӣ ва қобилиятҳои зеҳнӣ (ақлӣ).

Дар интиҳо, натиҷаҳои ташхисҳои номбаркардашуда мавриди таҳлил қарор дода шуда, хулоса дар яке аз намудҳои зерин бароварда мешаванд:

- дар навбати аввал тавсия дода мешавад;
- тавсия дода мешавад;
- шартан тавсия дода мешавад;
- тавсия дода намешавад.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ, диссертант Латифзода Сомон Зариф, дар баробари "гурӯҳи осебпазири умумӣ", инчунин "гурӯҳи осебпазири махсус"-ро ҷудо кардааст. "Гурӯҳи осебпазири умумӣ" дар маҷмӯъ ба довталабони ба МКД қабулшаванда дахл дорад. "Гурӯҳи осебпазири махсус" бошад, хусусан мутааллиқ ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ буда, барои довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона гардидааст, ки барои иҷрои самараноки фаъолияти хизматӣ-оперативӣ монеаро эҷод мекунад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки масъалаи коршоямии касбӣ-психологӣ ва интихоби касбӣ-психологӣ дар маҷмӯъ аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ дар дараҷаи зарурӣ омӯзишу тадқиқ шудаанд. Аммо бо назардошти он ки барои ҳар як касб профессиограмма ва психограммаи махсуси худ мавҷуд аст, метавон гуфт, ки коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ махсусияти худро дорад. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки масъалаи коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ дорои се ҷанба аст: ҳуқуқӣ, педагогӣ ва психологӣ. Доир ба ҷанбаи ҳуқуқии ин масъала олимони хориҷӣ В.Л. Василев, В.В. Аврамтсев, Ю.Е. Аврутин, В.М. Атмажитов, И.И. Басетский, В.Г. Бобров, В.Т. Вербовой, С.И. Винокуров, К.К. Горяинов, А.В. Губин, В.А. Данилов, С.В. Игнатов, В.А. Иличев, И.А. Климов, А.С. Коноплев, О.Г. Ковалев, А.П. Ковачев, В.В. Лиситсин, В.А. Лукашов, И.В. Михалева, Е.А. Пономарева, Е.Г. Самовичев, Г.К. Синилов, В.И. Филиппенко, М.И. Сиганенко, В.В. Шувалов ва дигарон ва олимони ватанӣ Р.Ҳ. Раҳимзода, Ҳ.Ш.Шарипов, З.Ҷ. Маҷидзода, К.Х. Солиев ва дар самти педагогӣ бошад, Мирализода А.М.,

Давлашоева А. ва дигарон корҳои илмии арзишманд ба сомон расонидаанд.

Коршоямии касбӣ-психологии шахс аз ҷиҳати психологӣ дар самтҳои зерин мавриди омӯзишу тадқиқ қарор дода шудааст:

- ташхиси коршоямии кормандони сохторҳои қудратӣ (Ф. Баумгартен, А.И. Адаев, А.Н. Глушко, В.Н. Болшев, В.В. Ипатов, Н.И. Мягкий, Г.В. Шутко, А.Г. Маклаков ва дигарон);
- интихоби касбӣ-психологӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ (В.А. Бодров, К.М. Гуревич, О.Г. Невраев, Бовина, А.Д. Сафронова, К.К. Платонов, И.Ч. Шушкевич, С.В. Ефимкин, Н.И. Мягких ва дигарон);
- сифатҳои муҳими психологӣ-касбии кормандони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва интихоби номзадҳо барои кор дар ин фаъолият (В.М. Богданов, О.И. Бродченко, П.В. Акентев, Ю.Е. Скалин, Ю.В. Чуфаровский).

Мавриди қайд аст, ки ҳарчанд муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс ҳангоми қабули номзадҳо ба кор дар мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи зиёда аз 40 сола дошта бошад, ҳам аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ тадқиқотҳои илмӣ дар ин самт гузаронида нашудаанд. Аз ин лиҳоз, тадқиқоти мазкур аҳамияти махсуси амалӣ дошта, барои ошкор кардани мушкилоти дар ин самт вуҷудошта ва роҳҳои ислоҳ намудани онҳо заминаи хубе хоҳад гузошт.

Дар диссертатсия ба таври мушаххас навгониҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод шудааст:

- аввалин бор дар чорчӯбаи имконоти методологӣ кӯшиши тадқиқи ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба харҷ дода шудааст;
- моҳияти коршоямии касбӣ-психологии шахс аз мавқеи назария, консепсия ва равиш(?)ҳои гуногуни илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, аввалин маротиба таърихи омӯзиши он даврабандӣ гаридааст;
- мавқеи ташхиси психологӣ дар муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс баррасӣ ва асоснок карда шуда, меъёрҳои психологӣ

ва психофизиологии баҳогузорӣ ба коршоямии шахс мушаххас карда шудаанд;

- меъёрҳои муайян кардани "гурӯҳи осебпазир" дар маҷмӯъ барои мақомоти корҳои дохилӣ ва "гурӯҳи осебпазири махсус" барои самти оперативӣ мушаххас карда шудаанд;
- психографияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳлил гардида, талаботҳои касбӣ-психологӣ ба шахсияти ваколатдори оперативӣ ошкор карда шудаанд;
- бо истифода аз методҳои ташхиси психологӣ хусусиятҳои тағйирёбии шахсият дар кормандони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор карда шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки он хусусияти байнисоҳавӣ дорад ва натиҷаҳои дар рафти кор бадастомадаро дар тадқиқи минбаъдаи мавзӯъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои бадаставардаи муаллифро метавон дар раванди ба роҳ мондани чорабиниҳои муайян кардани коршоямии касбӣ-психологӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркарди курсҳои таълимӣ ва навиштани дастуру китобҳои дарсӣ оид ба масъалаи мазкур, ҳангоми омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус доир ба масъалаи тадқиқот, дар вақти тадриси фанҳои психологӣ ва ғайра истифода кард.

Дар натиҷаи омӯзиш ва баррасии рисолаи мазкур ҳайати комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад:

1. Рисолаи тадқиқшуда ба талаботи илмии тадқиқотии психология ҷавобгӯ буда, моҳияти тадқиқи коршоямии касбӣ-психологии шахсро дуруст инъикос менамояд. Сарчашмаҳои илмии истифодашуда, таҳлили амиқу васеъ ва объективии масъалаи коршоямии касбӣ-психологии шахс ва ташхиси психологии он ҳамчун тадқиқоти психологӣ ба ихтисоси 6D050300-психология мувофиқат мекунад.
2. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад.
3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Латифзода Сомон Зариф дар 23 мақолаву маводҳои илмӣ-таълимӣ-методии

муаллиф, ки 10-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсия шудаанд, дарҷ шудааст.

4. Дар рисола натиҷаи тадқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст.

5. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Латифзода Сомон Зариф ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Данғара таъйин карда шавад;

6. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Латифзода Сомон Зариф мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Файзализода Ҷумахон Хол - доктори илмҳои педагогӣ, Директори муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Мингбоев Абдуворис Юзбоевич - номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

7. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

8. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ /____________/ Л.Иматзода

**Аъзоёни комиссия:**

номзади илмҳои психологӣ /____________/ Ё. Дадаҷонов

номзади илмҳои сиёсӣ /____________/ Н.Н. Шаъбонов